Archive of SID

INTERNATIONAL CONFERENCE ON
INTELLECTUAL CAPITAL MANAGEMENT
7, 8 OCTOBER 2009
ZANJAN SCIENCE AND TECHNOLOGY PARK - INSTITUTE FOR ADVANCED STUDIES IN BASIC SCIENCES (IASBS)

# New training technologies: IC ground for advanced teaching

Z.F. Rahmonov, F.S. Komilov, A.A. Ismoilov, A.M. Tuyghunov
Institute of Entrepreneurship and Service, Dushanbe, Tajikistan

**Abstract:** Introduction of computer and telecommunication technologies in teaching process through application of electronic teaching resources, first of all, electronic books, local teaching net and computer disks for self-learning are touched upon in the given article.
Application of these resources allows introducing integrated criterion in testing the level of students' knowledge and skills and furthermore it will promote improvement of teaching environment throughout the whole country in future.

**Keywords:** training technologies, IC, advanced teaching, knowledge

www.SID.ir

Archive of SID

INTERNATIONAL CONFERENCE ON
INTELLECTUAL CAPITAL MANAGEMENT
7, 8 OCTOBER 2009
ZANJAN SCIENCE AND TECHNOLOGY PARK - INSTITUTE FOR ADVANCED STUDIES IN BASIC SCIENCES (IASBS)

**ТЕХНОЛОГИЯИ НАВИ ТАЪЛИМЇ - АСОСИ ТАЪЛИМИ АФЗАЛИЯТНОК**

**Рањмонов З.Ф., Комилов Ф.С., Исмоилов А.А., Туйѓунов А.М.**
**(Душанбе, Тољикистон)**

Рушди босуръати технологияњои телекоммуникатсионї ва компютерї дар њамаи соњањои фаъолияти љамъиятї мушоњида мешавад. Ин раванд дар навбати аввал соњаи маорифро фаро гирифтааст. Дар ин самт дар Љумњурии Тољикистон шароити хеле муфиду муњим барои автоматикунонии фаъолияти зењнї фароњам омадааст. Дар натиља дар фазои имрўзаи маорифи Тољикистон таъсири технологияњои иттилоотї ба раванди таълим пайваста меафзояд.

Алњол бо истифода аз стандартњои технологияњои иттилоотї ќадамњои аввалин оид ба стандартикунонии равандњои таълимї гузошта шуда истодаанд, ки ин дар навбати худ шохаи навро дар самти таълими афзалиятнок ба вуљуд оварда истодааст ва умед аст, ки он дар оянда яке аз механизмњои асосии рушди устувори љомеаи иттилоотї ва идоракунии сармояи зењнї мегардад. Бинобар ин алоќамандии иттилоот ва љамъият имрўзњо ба яке аз масъалањои муњимтарин табдил ёфтааст, зеро технологияњои иттилоотї имкон медињанд, ки бисёр масъалањои доѓи рўз тавассути технологияи ададї тамсилабандї карда шаванд, ки ин дар навбати худ пешгўии дурнамои рушди љамъиятро хеле осон мегардонад.

Таълими афзалиянок имкон медињад, ки эњтиёљу талаботи зењнии љамъият пешакї дарк карда шуда, барои рушди устувори ояндаи он замина муњайё сохта шавад, чунки мањсули асосии љамъияти иттилоотї дониш мебошад. Дар љомеаи иттилоотии муосир иттилоот њамчун объект ва натиљаи истењсолоти љамъиятї баромад мекунад.

Љорикунии босуръати технологияњои телекоммуникатсионї дар раванди таълим феълан ба љамъияти иттилоотии Тољикистон меъёрњои нонавиштаро ворид намуд. Имрўзњо истеъмолкунандаи дониш - донишљў ё устод метавонад сатњи норасогии фанни омўхташавандаро аз њисоби захирањои иттилоотии шабакаи глобалии Интернет пурраю мукаммал гардонад. Дар ояндаи наздик дарёфти маълумоти зарурї барои донишандўзї тавассути пайвастшавї ба сомонањои сершумори таълими фосилавї хеле судманд хоњад буд.

Меъёрњои њуќуќии марбут ба шабакаи Интернет имкон медињанд, ки дар ояндаи наздик донишњои тавассути таълими фосилавї азхудкардаву супоридашуда дар таълимгоњњои олии ватанї низ ба инобат гирифта шаванд. Чунин раванд ба он мусоидат мекунад, ки теъдоди шунавандагони таълимгоњњои сатњи касбиашон ба меъёрњои интернетї номувофиќ рўз то рўз кам мегардад. Њангоми љорї намудани низоми кредитии таълим бошад, он устодоне, ки сатњи касбиашон аз сатњи дониши тавассути шабакаи Интернет гирифташуда пасттар аст, бе донишљў ва њатто бе љои кор хоњанд монд.

www.SID.ir

Archive of SID



Бинобар ин муњити таълимии Тољикистонро зарур аст, ки њарчи зудтар манбаъњои электронии таълимї дар он ба вуљуд оянд ва фаъолияти онњо пеш аз њама бо забони давлатї сурат гирад, зеро системаи амалиётии муосири MS Vista аллакай бо забони тољикї ва дар асоси хати кириллї кор карда метавонад. Дар натиља манбаъњои электронии таълимиро бо забони тољикї аз компютери дилхоњ, ки ба шабакаи Интернет пайваст аст, дастрас кардан имконпазир мегардад.

Манбаъњои электронии таълимї гуфта, китобњои электронї, шабакаи мањаллии муассисаи таълимї ва дискњои худомўзии комютерї дар назар дошта шудаанд. Бояд њар як мактаби олї шабакаи мањаллии худро дошта бошад, ки дар он манбаъњои электронии таълим љой дода мешаванд. Он дар муњити таълимии Тољикистон барои љалби донишљўён, дар шароити љорї намудани низоми кредитии таълим, воситаи асосї мегардад. Лекин манбаи мањаллии таълимї дар алоњидагї, бе низоми пурќуввати идоракунии раванди таълим, низоми электронии њуљљатгузорї ва мудирият кам диќќатљалбкунанда аст.  Њамаи инњо дар маљмўъ ќисмати электронии мактаби олиро ташкил менамоянд (e-government of HEI), ки аз фаъолияти самараноки он љамъоварии воситањои молиявии муассиса вобастагии калон дорад. Њангоми љорї намудани чунин низоми идоракунии манбаъњо ва мудирият нисбати донишљў талаботи иловагї ба миён меояд – ў бояд компютери портативї дошта бошад, ки он дар раванди таълим як љузъи низоми автоматикунонидашудаи таълим мегардад.

Чунин низоми автоматикунонидашудаи идораи муассисаи таълимї аз бахшњои зайл иборат мебошад:

- низоми менељмент бо насби низоми сањењ барои шунавандагон, устодон ва њуљљатгузорї;
- манбаъњои таълимї, ки ба шабакаи дохилї ва веб-сайт дохил карда шудаанд;
- бахши таљњизотї-барномавї, ки талаботњои функсионалии низоми менељмент ва манбаъњои муассисањои таълимиро таъмин менамояд.

Дар ин љода метавон воситањои алоќањои мобилиро илова намуд, ки ба таври дигар онро низоми 4G ном мебаранд ва он имкон медињад, ки ќисмати бештари љумњуриро бо шабакаи алоќаи бидуни ноќилии суръаташ баланд фаро гирад. Дар натиља заминаи созмон додани шабакаи ягонаи фазои таълимї дар љумњурї, њамчун як ќисми фазои умумитаълимї, фароњам меояд. Њамчунин мушкилоти таълим дар мањалњои ѓайримарказї аз байн рафта, мушкилоти расидан ба манбањои иттилоот ва таълимиро аз байн мебарад.

Китобњои таълимии электронї манбањои алоњидаи таълимї мебошанд, ки онњо бештар барои корњои мустаќилонаи донишљўёни низоми кредитї хизмат мерасонанд. Китоби таълимии электронї бояд дар худ на танњо маводи таълимиро дошта бошад, балки васоити таълимї ва бастаи тестњоро барои мустаќилона санљидани дараљаи азхудкунии дониш ва инчунин барномаи азхудкунии курсро низ дарбар гирад. Мисоли

www.SID.ir

Archive of SID



ин гуна манбаи таълимї китоби электронии яке аз олимони намоёни Тољикистон, профессор Саидмуродов Л.Њ. «Иќтисодиёти байналмилалї» мебошад, ки дар компакт-диск баровада шуда, дар худ њамаи компонентњои лозимиро доро мебошад. Китоби дарсї, маводњои методї, тестњои худсанљишї ва барномаи таълимии якљояовардашуда ба талаботњои байналмилалии навиштани китобњо мувофиќат мекунанд ва њоло дар Тољикистон ягона мебошад. Китоби таълимии электронї бо забони тољикию русї, бо истифода аз веб-технологияњои њозиразамон, тартиб дода шудааст, ки ин имконияти бемамониат љойгиршавии онро дар веб-сайт ё ин ки дар шабакаи мањаллии муассисаи таълимї муњайё месозад. Айни њол муаллифи китоби мазкур тасмим гирифтааст, ки онро бо забони тољикї дар шакли компакт-диск тайёр намояд, ки дар он системаи нигоњдорї аз нусхабардорї ба назар гирифта шудааст. Инчунин баистифодабарории боз як ќатор китобњои таълимии электронї, ки љавобгўи стандартњои байналмилалї мебошанд, дар арафаи анљомёбї ќарор доранд.

Њамчунин маводи таълимї иборат аз панљ диски худомўзї бароварда шудааст, ки мавзўъњои гуногуни омўзиши технологияњои компютерї - Windows XP, Word XP, Excel XP, Access XP ва шиносої бо компютер мебошад. Њар як диски барои худомўзї пешбинї карда шуда, зиёда аз 500 дарс дорад. Дискњо дар асоси усули омўзиши интерактивї сохта шуда, ба шаклњои англисии программањо мутобиќ карда шудаанд, ки имконияти иловагии омўзиши забони англисї ва роњњои истифодаи маводњои литсензиониро нишон медињад. Њамаи дискњои номбурда бо матни таълимї ва овозї ба забони тољикї таъмин карда шудаанд. Васоити таълимї нусхабардорї карда намешавад, худи дискњо бошанд аз нусхабардорї њифз шудаанд. Маводњои таълимии мазкур дар асоси барномаи Macromedia Flash офарида шудаанд.

Истифодаи дискњои худомўзї имконияти ќисман аз байн бурдани муаммои тайёркунї ва такмили ихтисоси устодонро дар соњаи технологияњои иттилоотї-компютерї (ТИК) ва таъмин намудани дараљаи ягонаи тайёркуниро доранд. Истифодаи дискњои худомўзї имконият медињад, ки дар таълими фанњои соњаи компютерї меъёри ягона љорї карда шавад, ки он метавонад дар оянда барои љорї намудани низоми ягона барои санљиши сатњи малакаю дониши донишљўён дар соњаи ТИК дар саросари љумњурї заминаи асосї гардад. Ин дар навбати худ талаботро ба дониши баланд оид ба ТИК зиёд мегардонад, чуноне ки дар баъзе мамлакатњо чунин низом ба мушоњида мерасад.

Њангоми истифодаи дискњои худомўзї њар як корбар вобаста ба талаботаш метавонад дараљаи зарурии омўзиширо интихоб намояд: ибтидої ё касбї. Дар айни њол дискњои худомузї доир ба соњањои дигари ТИК тайёр шуда истодаанд, ки имкон медињанд талаботњои нави ба миёномада ќонеъ гардонда шаванд. Дар заминаи дискњои худомўзї китобњои таълимии муќаррарї низ тайёр карда шудаанд, ки онњо метавонад њамчун васоити таълимии худомўзї дар њолатњои дастрас набудани

www.SID.ir

Archive of SID


компютер истифода шаванд. Инчунин оид ба љойгир намудани дискњои худомўзї дар сайти www.rushd.tj корњои зиёде анљом дода шуда истодааст.

Дар натиљаи сохтану истифодаи манбаъњои нави таълимї, ки асоси онро истифодаи технологияњои компютерї ва телекоммуникатсионї ташкил медињанд, имконияти бењтар кардани сифати таълим зиёд мегардад, сифати таълим аз њисоби фардикунонї ва сермањсул намудани он баланд бардошта мешавад, сатњи зарурии азхудкунии ТИК ба даст меояд, њамгироии тамоми сохањои фаъолияти муассисаи таълимї дар асоси технологияњои иттилоотї сурат мегирад.

Њамин тавр, бояд тазаккур дод, ки истифодаи технологияи нави таълимї имкон медињад, ки иштирокчиёни љараёни таълимро дар шароити иттилоотї ќарор дињад ва барои ба миён омадани таълими бењтар шароити мусоид муњайё намояд.

www.SID.ir